# Шарҳи моҳонаи таваррум • Марти 2020

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи марти соли 2020 ба 1,6 фоиз баробар гардид, ки ин нишондод нисбат ба моҳи қаблӣ 1,2 банди фоизӣ ва ҳамин моҳи соли гузашта 1,3 банди фоизӣ зиёд мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда ба сатҳи таваррум асосан афзоиши нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 2,6 фоиз (саҳм дар таваррум 1,4 б.ф.), молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,6 фоиз (0,2 б.ф.) ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,2 фоиз (бо саҳми ночиз) таъсир расонид.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ бештар қиматшавии нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили орди навъи якум (4,1% м/м), равғани пахта (3,0% м/м), биринҷ (1,5% м/м), гӯшти гӯсфанд (1,2% м/м), шакар (5,1% м/м), себ (8,8% м/м), нок (2,7% м/м), карам (2,1% м/м), картошка (15,7% м/м), пиёз (13,8% м/м), помидор (6,2% м/м) ва бодиринг (2,6% м/м) ба қайд гирифта шуданд.

Яке аз омилҳои асосии афзоиш ёфтани нархи орди навъи якум дар кишвар ин паҳншавии пандемияи коронавирус дар ҷаҳон, ҷорӣ намудани маҳдудкуниҳои миқдорӣ ва коҳишёбии қурбӣ дар кишварҳои содиркунанда (гандум) арзёбӣ мегардад. Зеро, истеҳсоли дохилии гандум талаботи аҳолии кишварро пурра қонеъ нагардонида, ҳамасола аз кишварҳои минтақа тақрибан дар ҳаҷми 1,0 млн. тонна (с. 2019) харидорӣ гардида, ба кишвар ворид карда мешавад.

Дар натиҷа ба монанди моҳи қаблӣ норасоии маҳсулотҳои кишоварзии истеҳсоли дохилӣ (аз ҷумла сабзавот) ва ворид гардидани он аз кишварҳои шарикони савдо бо нархҳои гаронтар барои қонеъ гардонидани талабот дар бозорҳои ҷумҳурӣ боиси болоравии нархи он дар моҳи марти соли ҷорӣ гардид.

Бояд қайд намуд, ки дар моҳи мазкур афзоишёбии нисбии нархи сабзавот натанҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар кишварҳои шарикони асосии савдо низ (аз қабили Русия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон ва ғайра) ба қайд гирифта шудааст.

Раванди мазкур асосан дар натиҷаи зиёд шудани таҳлукаи аҳолии давлатҳои ҷаҳон, ки ба норасоӣ ё маҳдуд будани захираи маҳсулоти хӯрокворӣ дар кишварҳояшон ба амал омада, ва яку якбора зиёдшавии

**Таваррумӣ моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии нархи картошка ва пиёз, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



талабот ба маҳсулотҳои мазкур зиёд гардид, ки дар ин замина ба афзоишёбии нарх боис гардид.

Аз тарафи дигар нархи баъзе аз маҳсулот дар сабади таваррум, аз ҷумла гӯшти гов (-0,2% м/м), сабзӣ (-5,0% м/м), гӯшти мурғ (-2,5% м/м) ва тухм (-7,4% м/м) раванди коҳишёбӣ дошт.

Дар сохтори молҳои ғайрихӯрокворӣ дар моҳи марти соли ҷорӣ бештар болоравии нархи маводи шустушӯӣ 1,0 фоиз, гази моеъ 1,9 фоиз ва маснуоти нассоҷӣ 0,4 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Нарху тарифаҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ низ тамоюли муътадили афзоишёбӣ дошта, ба 0,2 фоиз баробар гардид, ки раванди мазкур асосан дар натиҷаи қиматшавии нархи хизматрасонии манзилию коммуналӣ 0,4 фоиз ба вуқӯъ пайваст.

**Таварруми солона (дар 12 моҳи охир) дар моҳи марти соли ҷорӣ ба 9,3 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба моҳи қаблӣ ва ҳамин моҳи соли гузашта мутаносибан 1,5 банди фоизӣ зиёд мебошад.**

Тибқи таҳлилҳо омилҳои асосии ба ин раванд таъсиррасон ва аз доираи дурнамои муқарраршуда 6% (±2) баромадани сатҳи таваррум, пеш аз ҳама кам гардидани пешниҳоди баъзе аз маҳсулоти асосии хӯрокворӣ, маҳдуд шудани ҳамлу нақл дар сарҳадҳои бархе аз давлатҳои шарикони савдо ва торафт васеъ паҳн шудани пандемияи коронавирус дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки дар худ омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи марти соли ҷорӣ 0,4 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 2,6 фоиз баробар гардид, ки аз маҳдуд будани омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум шаҳодат медиҳад.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани фишорҳои иловагӣ ба сатҳи таваррум мунтазам гузаронидани таҳлили тағйирёбии сатҳи нархҳо ва истифодаи фишангҳои монетарӣ татбиқи сиёсати пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор
[2] - м/м – тағйирёбии моҳона

**Намояи нархҳои истеъмолӣ***

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | Март, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | | | | | 2020 | | | |
| | | | | | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **5,4** | **5,7** | **7,8** | **8,7** | **8,1** | **8,0** | **8,0** | **7,8** | **9,3** | **1,6** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **50,4** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **4,9** | **6,3** | **10,2** | **13,5** | **11,9** | **11,4** | **11,2** | **10,4** | **13,5** | **2,8** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,3 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | 8,9 | 13,2 | 19,7 | 18,8 | 16,1 | 16,5 | 13,3 | 10,2 | 13,5 | 3,2 |
| Биринҷ | 2,6 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | 19,5 | 20,7 | 22,1 | 24,8 | 15,3 | 7,6 | 7,1 | 4,7 | 4,0 | 1,5 |
| Орд | 9,0 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 9,9 | 16,0 | 25,3 | 22,1 | 19,7 | 21,0 | 16,0 | 12,3 | 17,3 | 4,1 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,4 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 8,6 | 9,4 | 10,4 | 18,0 | 22,9 | 21,8 | 22,0 | 21,1 | 20,6 | -0,2 |
| Гӯшти гов | 5,3 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 8,9 | 9,7 | 11,4 | 21,8 | 27,2 | 25,9 | 27,0 | 25,8 | 25,2 | -0,2 |
| Тухм | 1,4 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 3,9 | 1,8 | 6,6 | 6,0 | 3,1 | 6,3 | 7,2 | -1,1 | -5,1 | -7,4 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 4,1 | 2,6 | 3,1 | 4,8 | 4,3 | 6,4 | 6,3 | 5,5 | 6,7 | -0,8 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 1,3 | -2,1 | 0,0 | 2,7 | 6,7 | 7,3 | 5,8 | 5,6 | 11,0 | -3,8 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 5,1 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 9,2 | 9,1 | 10,4 | 5,2 | 0,6 | -1,7 | -0,8 | -1,1 | 0,5 | 1,5 |
| Меваҷот | 3,8 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | 4,0 | 2,3 | -4,0 | -15,5 | -5,4 | -2,2 | 0,7 | 9,0 | 12,1 | 4,7 |
| Сабзавот | 7,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | -10,7 | -9,7 | 3,7 | 33,1 | 15,0 | 15,4 | 19,9 | 19,5 | 29,9 | 8,0 |
| Шакар | 2,2 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | 2,7 | 4,4 | 5,7 | -0,6 | 3,4 | -5,1 | -7,1 | -5,8 | -0,2 | 5,1 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,8 | 2,5 | 5,1 | 6,2 | 6,7 | 8,1 | 0,9 | 0,4 | -0,8 | -1,2 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **8,0** | **8,0** | **6,7** | **8,1** | **7,3** | **3,0** | **3,0** | **3,0** | **3,0** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,5** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **5,4** | **6,5** | **3,8** | **3,5** | **0,9** | **1,0** | **-0,1** | **0,9** | **1,9** | **1,3** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **30,6** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **6,4** | **6,3** | **6,3** | **4,7** | **4,1** | **4,2** | **4,5** | **5,1** | **5,0** | **0,6** |
| Либос ва пойафзол | 10,4 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 5,6 | 14,4 | 14,7 | 13,5 | 14,4 | 13,4 | 4,5 | 4,5 | 4,2 | 0,5 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,5 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 7,3 | 7,8 | 6,0 | 5,2 | 4,9 | 4,9 | 4,4 | 4,6 | 5,5 | 1,4 |
| Маводи шустушӯӣ | 1,7 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 6,2 | 6,2 | 7,0 | 9,0 | 6,3 | 3,3 | 3,7 | 2,7 | 2,9 | 1,0 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 10,4 | 10,7 | 6,4 | 18,1 | 10,8 | 13,0 | 13,6 | 16,6 | 16,5 | 0,0 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,1 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 12,2 | 7,2 | 5,4 | -10,6 | -9,1 | -5,7 | -0,1 | 6,4 | 4,2 | 0,6 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | -8,4 | -8,4 | -5,0 | -12,7 | -18,0 | -9,9 | -9,2 | -3,5 | -2,1 | -1,3 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 5,2 | 5,2 | 8,1 | 0,4 | 1,5 | 0,8 | 2,1 | -1,0 | -0,7 | 0,1 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,6 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 8,3 | 8,7 | 8,5 | 4,9 | 4,1 | 3,8 | 3,5 | 3,0 | 2,9 | 0,7 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,4** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **4,9** | **2,1** | **3,4** | **1,3** | **3,7** | **5,5** | **5,5** | **5,1** | **4,7** | **0,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,4 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 10,8 | 9,8 | 12,3 | 3,2 | 15,7 | 9,1 | 10,6 | 12,8 | 11,0 | 0,4 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 5,0 | 5,0 | 6,5 | 3,3 | 2,9 | 2,8 | 3,1 | 4,2 | 1,3 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 9,4 | 8,4 | 8,7 | 8,2 | 8,2 | 4,3 | 1,4 | 1,4 | 1,1 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,0 | 0,0 | 16,3 | 14,7 | 14,9 | 14,6 | 14,6 | 14,4 | 32,9 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | 3,4 | 40,1 | 6,2 | 2,8 | 14,1 | -23,3 | -15,8 | -5,9 | 2,3 | 14,2 | 5,9 | 1,8 |
| Нақлиёт | 4,1 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 2,9 | -4,8 | -2,4 | -0,2 | -8,8 | 3,7 | 2,4 | -1,5 | -1,4 | 0,0 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,1 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,2 | 0,0 |
| Маориф | 1,7 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 0,3 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 2,0 | 1,5 | 1,7 | 1,7 | 1,6 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,9 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 15,4 | 15,6 | 15,6 | 15,6 | 15,6 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 3,3 | 3,3 | 3,2 | 3,2 | 5,3 | 3,8 | 3,9 | 4,1 | 4,4 | 0,6 |

*Дар ҷадвали мазкур номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои истифодаи онҳо ба таври умум ё seristeъmoli аҳолӣ нишон дода шудааст. Аз ин лиҳоз, маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо